# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ДОИР БА ҲУҶҶАТНИГОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБӢ

Ҳуҷҷатнигорӣ унсури муҳими фаъолияти касбии психологи мактабӣ ба шумор меравад. Он имкон медиҳад, ки фаъолияти психолог дар асоси талаботи касбият танзим гардад; пайиҳамии чорабиниҳо дар самти дастгирии психологии раванди таълим ва ҳамоҳангии онҳо бо фаъолияти унсурҳои дигари таъсиррасонӣ ба раванди инкишофи шахсият таъмин ва назорат карда шавад; инчунин ҳуҷҷатнигорӣ имконият фароҳам меоварад, ки самарабахшии чорабиниҳои алоҳида ва ё умуман фаъолияти психологӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шавад.

Ҳуҷҷатнигории фаъолияти психологи мактабӣ тибқи феҳрасти коргузори психологи мактабӣ ба роҳ монда мешавад. Феҳрасти коргузорӣ имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатнигории фаъолияти психологи мактабӣ ба низом дароварда шавад. Феҳрасти коргузорӣ аз стратегияи ташкили фаъолияти касбии психологи мактабӣ вобаста буда, метавонад дар шаклҳои гуногун тартиб дода шавад.

Ҳуҷҷатгузории фаъолияти психологи мактабӣ дар ду шакл ба роҳ монда мешавад:

1. Бастаҳои ғункунанда.
2. Дафтарҳои қайд.

Тамоми баста ва дафтарҳо тибқи феҳрасти коргузориҳои психологи мактабӣ рақамагузорӣ карда мешаванд (ниг. ба ҷадвали 1.) Номгӯи коргузориҳо дар ҳар панҷ сол аз нав дида баромада мешаванд.

Маҷӯи ҳуҷҷатҳои инъикоскунадаи фаъолияти психологи мактабиро аз рӯйи мазмун ба 4 гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ҳуҷҷатнигории меъёриву ҳуқуқӣ.
2. Ҳуҷҷатнигории бақайдгирию ҳисоботӣ .
3. Ҳуҷҷатнигории ташкилию методӣ.
4. Ҳуҷҷатнигории махсус.

**Ҷадвали 1. Намунаи феҳрасти ҳуҷҷатнигории психологи мактабӣ**

| **Индекси баста ва дафтарҳо** | **Номгӯи баста ва дафтарҳои ҳуҷҷатнигорӣ** |
|---|---|
| | ***01. Ҳуҷҷатнигории меъёриву ҳуқуқӣ*** |
| 01.01 | Санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ |
| 01.02 | Асноди ҳуқуқии сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 01.03 | Асноди ҳуқуқии сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 01.04 | Ҳуҷҷатҳои воридотӣ |
| 01.05 | Ҳуҷҷатҳои содиротӣ |
| 01.06 | Ҳуҷҷатҳои коргузорӣ |
| | ***02. Ҳуҷҷатнигории бақайдгирию ҳисоботӣ*** |
| 02.01 | Нақша ва ҳисоботи солона |
| 02.02 | Дафтари қайди машваратҳои психологӣ |
| 02.03 | Дафтари қайди корҳои инфиродии ислоҳнамоӣ ва инкишофдиҳии психологӣ |
| 02.04 | Дафтари қайди ташхисҳои психологӣ |
| 02.05 | Дафтари қайди корҳои гуруҳӣ |
| 02.06 | Дафтари қайди корҳои ташкилию методӣ |
| | ***03. Ҳуҷҷатнигории ташкилию методӣ*** |
| 03.01 | Нақша - чорабиниҳо |
| 03.02 | Барномаҳои корҳои ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ва пешгирии психологӣ |
| 03.03 | Нақшаҳои худомӯзӣ |
| 03.04 | Коркардҳои методии бозиҳо ва тамринҳои психологӣ |
| 03.05 | Барномаи машғулиятҳои психологӣ |
| 03.06 | Методикаҳои ташхисӣ |

| | |
|---|---|
| | ***04. Ҳуҷҷатнигории махсус*** |
| 04.01 | Варақаҳои тиббӣ ва варақаҳои рушди психикӣ |
| 04.02 | Протоколҳо ва хулосаҳои муоинаҳои психологӣ |
| 04.03 | Рӯйхати хонандагони «зери хавф қарордошта» |
| 04.04 | Тавсифнома ва маълумотномаҳои психологӣ |
| 04.05 | Варақаҳои рамзгузории маълумоти махсус |

## БАСТАБАНДИИ ҲУҶҶАТҲО[1]

***01. Ҳуҷҷатнигории меъёриву ҳуқуқӣ***

*Бастаи 01.01- Санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ*

- Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак» (эъломияи 44/25 Ассамблеяи генералии СММ аз 20. 11. с. 1989);
- Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (аз 22.07.2013, №1004);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» (аз 18.03.2015, №1196);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (аз 15,07.2004, №52);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» (аз 29.12.2010, №675);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» (аз 05.01.08, №359);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон» (аз 02.08.2011, №762);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (аз 19.03.2013, №954);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» (аз 26.07.2014, №1096);

*Бастаи 01.02 - Асноди ҳуқуқии сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

- Паём ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 04.10.2011, №480);
- Стратегияи миллии сиҳатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2020 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.08.2010, №368);
- Барномаи миллӣ доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.05.2014, №294);
- Барномаи миллии ташаккул додани тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2020 (аз 30.10.2010, №560);
- Низомномаи намунавӣ доир ба муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.07.2016, №237);
- Низомнома дар бораи комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017, №29);
- Низомнома дар бораи шуъбаҳои тиббию машваратии ҷавонон (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.02.2010, №41);
- Низомнома дар бораи мақомоти сарпарастӣ ва нигаҳбонӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017, №30);
- Консепсияи миллии таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.04.2011, №228);

*Бастаи 01.03 - Асноди ҳуқуқии сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

[1] Номгӯи ҳуҷҷатҳо намунавӣ буда, пурра намебошад

- Фармонҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қарорҳои дахлдори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Бастаи 01.04 - Ҳуҷҷатҳои воридотӣ*
- Супоришҳои шуъбаи маориф ва маъмурияти муассиса;
- Нақшаҳои умумии муассиса;
- Қарорҳои Шӯрои педагогии муассиса;
- Дархостҳо ва мактубҳо;
- Баёноти хаттӣ ва ғ.

*Бастаи 01.05 - Ҳуҷҷатҳои содиротӣ*
- Ҳисобот аз рӯйи нақша чорабиниҳо;
- Ҷавоб ба дархостҳо;
- Маълумотнома доир ба иҷрои супоришҳо;
- Мактубҳои ирсолшуда ва ғ.

*Бастаи 01.05 – Ҳуҷҷатҳои коргузорӣ*
- Низомномаи фаъолияти психологи мактабӣ;
- Кодекси ахлоқи психологӣ;
- Феҳрасти коргузории психологи мактабӣ;
- Шартномаи меҳнатӣ;
- Дастури вазифавии психологи мактабӣ;
- Реҷа ва ҷадвали кории психологи мактабӣ
- Номгӯи таҷҳизоти утоқи кории психологи мактабӣ ва ғ.

***02. Ҳуҷҷатнигории бақайдгирию ҳисоботӣ***

*Бастаи 02.01 – Нақша ва ҳисоботи солона*
- Нақшаи дурнамои фаъолияти психологи мактабӣ;
- Нақшаи кории солона;
- Ҳисоботи таҳлилии солона.

*Бастаи 02.02 – Дафтари қайди машваратҳои психологӣ*
- Сана ва вақти баргузории машварат;
- Ному насаб/рамзи муроҷиаткунанда;
- Мазмуни/рамзи муроҷиат;
- Мушкилоти ошкоршуда;
- Натиҷа (ислоҳнамоии психологӣ, психотерапия, равонасозӣ);
- Қайдҳои психолог.

*Бастаи 02.03 – Дафтари қайди корҳои инфиродии ислоҳнамоӣ ва инкишофдиҳии психологӣ*
- Санаи баргузорӣ;
- Мизоҷ (он);
- Мушкилот;
- Мазмуни кори психологӣ (ислоҳнамоӣ, инкишофдиҳӣ);
- Мақсад ва вазифаҳо;
- Барномаи кор;
- Муҳлат ва реҷаи кор;

*Бастаи 02.04 – Дафтари қайди ташхисҳои психологӣ*
- Сана, вақт;
- Мизоҷ (он);
- Шакли муроҷиат (шахсӣ, дархостӣ, нақшавӣ, такрорӣ ва ғ.);
- Методика;
- Натиҷаи ташхис/хулоса;
- Тавсияҳо.

*Бастаи 02.05 – Дафтари қайди корҳои гуруҳӣ*
- Рӯихати иштирокчиён;
- Қайди ҳузур;
- Санаи вохӯрӣ;

- Мазмуни машғулият;
- Барандаи машғулият;
- Қайдҳо.

*Бастаи 02.06* - *Дафтари қайди корҳои ташкилию методӣ*

- Ширкат дар ҷаласаҳои Шурои педагогӣ, Машваратҳои психологӣ-тиббӣ-педагогӣ, Иттиҳодияҳои методӣ;
- Ташхис - коршиносии муҳити таълимӣ, ташрифоварӣ ба дарсҳо;
- Ширкат дар чорабиниҳои касбӣ (конференсияҳо, семинарҳо, ҷаласаҳо, мизҳои мудаввар, такмили ихтисос ва ғ.).

***03. Ҳуҷҷатнигории ташкилию методӣ***

*Бастаи 03.01 – Нақша – чорабиниҳо*

- Нақшаҳои мавзӯии чорабиниҳо;
- Нақша – чорабиниҳо дар асоси дастуру супоришҳои мақомоти болоӣ;
- Барномаи чорабиниҳо тибқи дархост.

*Бастаи 03.02 – Барномаи корҳои ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ва пешгирии психологӣ*

- Барномаҳои корҳои гурӯҳии ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ва пешгирии психологӣ;
- Барномаҳои корҳои инфиродии ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ва пешгирии психологӣ.

*Бастаи 03.03 – Нақшаҳои худомӯзӣ*

- Нақшаи худомӯзӣ ва рӯихати адабиёти соҳавӣ;
- Нақшаи ширкат дар ҷаласаҳои Ҷамъияти психолог-машваратчиён ва психотерапевтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Нақшаи ширкат дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- Қайдҳои ширкат дар супервизияҳо.

*Бастаи 03.04 – Коркардҳои методии бозиҳо ва тамринҳои психологӣ*

- Рӯихати вобаста ба гурӯҳҳои синнусолӣ ва мазмуни корҳои ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ва пешгирии психологӣ гурӯҳбандишудаи бозӣ ва машқҳои психологӣ;
- Маводи методии бозӣ ва машқҳои психологии мутобиқкардашуда.

*Бастаи 03.05 – Барномаи машғулиятҳои психологӣ*

- Барномаи машғулиятҳо аз силсилаи «соати психолог»;
- Маводи методӣ барои баргузории машғулиятҳои психологӣ.

*Бастаи 03.06 – Методикаҳои ташхисӣ*

- Маҷмӯи методикаҳои ташхиси психологӣ ва маводи методӣ барои истифодаи онҳо.

***04. Ҳуҷҷатнигории махсус***

*Бастаи 04.01 – Варақаҳои тиббӣ ва варақаҳои рушди психикӣ*

- Нусха аз варақаҳои тиббӣ;
- Варақаҳои рушди психологии хонандагон;
- Нусха аз варақаҳои рушди психологии хонандагон.

*Бастаи 04.02 – Протоколҳо ва хулосаҳои муоинаҳои психологӣ*

- Хулосаҳои ташхиси психологӣ;
- Хулосаи корҳои инкишофдиҳӣ ва ислоҳнамоӣ;
- Нусха аз хулосаҳои психологӣ;
- Протоколҳои суҳбат/машварат бо мизоҷон;
- Протоколҳои ташхиси психологии инфиродӣ;
- Протоколҳои ташхиси психологии гурӯҳӣ;
- Протоколҳои машғулиятҳои ислоҳнамоии психологӣ.

*Бастаи 04.03 – Рӯйхати хонандагони «зери хавф қарордошта»*
- Рӯйхати хонандагони ятим ва нимятим;
- Рӯйхати хонандагони имкониятҳояшон маҳдуд;
- Рӯйхати хонандагон аз оилаҳои «носолим»;
- Рӯйхати хонандагони дорои мушкилоти рафторӣ;
- Рӯйхати хонандагони дар пешрафти академӣ мушкилидошта ва ғ.

*Бастаи 04.04 – Тавсифнома ва маълумотномаҳои психологӣ*
- Тавсифномаҳои психологӣ ба хонандагон;
- Маълумотномаҳои психологӣ ба хонандагон мувофиқи дархост.

*Бастаи 04.05 – Варақаҳои рамзгузории маълумоти махсус*
- Варақаи рамзгузории муроҷатҳо;
- Варақаи рамзгузории муроҷиаткунандагон.

### ***Шарҳи ҳуҷҷатнигории махсуси фаъолияти психологӣ***

*Нусха аз варақаи тиббӣ* нишондиҳандаҳои асосии рушди равонию ҷисмонии кӯдак ва ҳолати соматикии ӯро инъикос менамояд.

*Варақаи рушди психикии хонанда* маҷмӯи маълумот дар бораи рушди синнусолии хонандаро фаро мегирад, ки инкишофи ӯро дар онтогенез (аз рӯзи таваллуд) инъикос менамоянд.

*Хулосаи психологӣ* шакли асосии Ҳуҷҷатнигории кории психолог ба шумор меравад. Он натиҷаи таҳлили психологиро аз рӯйи нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ, аз ҷумла, ҳолати умумии рушди равониву ҷисмонӣ ва ахлоқу савияи дониши хонанда инъикос мекунад. Ин ҳуҷҷат натиҷаи ду самти асосии фаъолияти психологиро инъикос карда, вобаста ба он 2 навъ мешавад:

1. Хулосаи ташхиси психологӣ.
2. Хулосаи корҳои инкишофдиҳӣ ва ислоҳнамоӣ (варақаи корҳои ислоҳӣ)

Хулосаи психологӣ вобаста ба шакли кор метавонад, ба шахси алоҳида (инфиродӣ) ё ба гурӯҳ (гурӯҳӣ) тартиб додамешавад.

*Нусха аз хулосаҳои психологӣ ва варақаҳои инкишофи психологӣ* дар асоси дархости падару модарон (намояндагони қонунии хонанда), омӯзгорон, дархости расмии муассисаҳои таълимию тарбиявӣтаҳия карда мешавад. Мазмуни онро қисми маълумотҳо аз хулосаи психологӣ ташкил медиҳанд, ки ба дархост мутобиқ гардонида шуда, хулосаҳои асосиро инъикос мекунад.

*Протоколи кори психологӣ бо мизоҷ* ҳуҷҷатест, ки дар он раванди ҳамкории психолог бо мизоҷ дарҷ карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур бевосита дар раванди ташхиси психологӣ (ба истиснои протоколи суҳбат) ё дарҳол пас аз анҷоми он пур карда мешавад. Агар дар раванди ташхис зарурати бақайдгирии ҷанбаъҳои мушаххаси фаъолии шифоҳӣ ё мутамарказ шудан ба нишондиҳандаҳои дигари муҳим (масалан, зуҳуроти шахсиятиву ҳиссиётӣ, ивази мавқеъгирӣ ё нақшҳо ва ғ.) ба вуҷуд ояд, аз дастгоҳи сабти садо (диктофон) истифода бурдан мумкин аст.

Қайд кардан лозим аст, ки баъзе метод ва тестҳои психологӣ шакли ба худ хоси протокол доранд.

Протоколҳо одатан барои ду намуди кор бо мизоҷон тартиб дода мешаванд:

а) протоколи ташхис ва муоинаи психологӣ. Онро дар шакли ҷадвал пур кардан ва ё дар намуди тавсифи озоди раванди кор бо мизоҷ навиштан мумкин аст. Дар ҳарду ҳолат ба таври ҳатмӣ рамзи мизоҷ ва рамзи мушкилот, сана ва вақти баргузории чорабиниҳои психологӣ қайд карда мешаванд.

б) протоколи машғулият ва суҳбатҳои ислоҳӣ одатан дар шакли ҷадвал пур карда мешавад, ки дар он аксуламалҳои рафторӣ, ҷанбаи шифоҳии фаъолият, динамикаи ҳолати эмотсионалӣ ва ҷанбаи стеникии он инъикос карда мешаванд.

*Тавсифномаи психологӣ* дар асоси дархост ва дар шакли озод навишта шуда, симои умумии психологии хонанда ва махсусан, хусусиятҳои инфиродии соҳаи маърифатӣ, эмотсионаливу иродавӣ, маромнокӣ, сифатҳои шахсият, арзишҳо, муошират ва қобилиятҳои ӯро инъикос менамояд.

*Маълумотнома аз натиҷаи тадқиқоти психологӣ.* Санади мазкур дар асоси тадқиқоти тибқи нақша, ё дархости маъмурият анҷомдодашуда тартиб дода шуда, таҳлили психологии натиҷаҳои онро инъикос менамояд.

## НАМУНАИ ҲУҶҶАТГУЗОРИҲОИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБӢ (Замимаҳо)

*Замимаи 1*

**Тасдиқ мекунам**

_____________ _____________
муассиса вазифа
_____________ /_____________/
имзо ному насаб

**Нақшаи кори**
**психологи** ____________________________
(ном ва рақами муассиса)
____________________________________________
(ному насаб)
**барои соли таҳсили** ___________

Мақсади кор:
Вазифаҳо:

<table>
<tr><th>№</th><th>Шакл ва номгӯи чорабиниҳо</th><th>Ба кӣ равона шудааст</th><th>Мӯҳлати баргузорӣ</th></tr>
<tr><td colspan="4">ташхиси психологӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">маърифати психологӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">пешгирии психологӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">ислоҳнамоии психологӣ ва инкишофи психикӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">машварати психологӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">коршиносӣ<br>- ширкат дар консилиумҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ, комиссияҳо, ҷаласаҳои маъмурият доир ба қабули қарорҳое, ки шарҳи психологиро талаб менамоянд;<br>- иштирок дар дарсҳова таҳлили дарсҳо.</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">кори ташкилӣ-методӣ<br>- таҳлил ва банақшагирии фаъолият;<br>- такмили ихтисос;<br>- таҳлили адабиёти илмиву методӣ барои интихоби воситаҳои ташхисӣ, таҳияи барномаҳои инкишофдиҳанда ва ислоҳӣ;<br>- иштирок дар кори семинарҳои методӣ, конфронсҳои илмиву амалӣ;<br>- фаъолияти супервизорӣ;<br>- иштирок дар кори ташкилотҳои методӣ;<br>- ба тартибдарории ҳуҷраи корӣ.</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

Сана:___________

Психолог: ______________________ Имзо:____________

*Замимаи 2*

**Ҳисоботи оморӣ**
**фаъолияти психологи _____________________________**
(ном ва рақами муассиса)

______________________________________________
(ному насаб)

**барои соли таҳсили ___________**

<table>
<tr><td colspan="2">Ҳамаи кӯдакони қабулшуда</td><td></td><td>Писарон</td><td></td><td>Духтарон</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="7">Гурӯҳои синнусолӣ</td></tr>
<tr><td>то 3 –сола</td><td>3–5 - сола</td><td>5–7 -сола</td><td>7–10 -сола</td><td>10–12 - сола</td><td>12–15 -сола</td><td>аз 15 сола - боло</td></tr>
<tr><td>✓</td><td>✓</td><td>✓</td><td>✓</td><td>✓</td><td>✓</td><td>✓</td></tr>
<tr><td colspan="2">Ҳамаи калонсолони қабулшуда</td><td></td><td>Падару модар</td><td></td><td>Омӯзгорон</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="6">Иштирок дар кори экспертӣ (шумора)</td><td>✓</td></tr>
<tr><td rowspan="5">Дигар чорабиниҳо</td><td colspan="5">Иштирок дар чорабиниҳои умумимуассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="4">Дигар намуди кор</td><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5"></td><td></td></tr>
</table>

1. *Кори ташхиси психологӣ:*

- Кӯдакони ташхисшуда:

Ҳамагӣ_________

- ташхиси гурӯҳӣ (шумораи ташхисшудагон)____________________
  (кӯдакони фаро гирифташуда) ____________________________
- ташхиси инфиродӣ _______________________________________

- Аз ҷумла хонандагон муайян карда шуд:

- кӯдакони лаёқатманд______________________________________
- кӯдакони дар раванди таълим мушкилидошта ________________
- кӯдакони душвориҳои иродавию эмотсионалидошта___________
- кӯдакони каҷрафтор ________________________________

- Калонсолони ташхисшуда:

Ҳамагӣ ________

- ташхиси гурӯҳӣ (шумораи ташхисшудагон)___________________
  (шахсони фаро гирифташуда)________________________________

- ташхиси инфиродӣ________________________________________

2. *Кори ислоҳнамой-инкишофдиҳанда*

Шумораи машғулиятҳои ислоҳнамой-инкишофдиҳанда ва тренингҳо

- Машғулиятҳои ислоҳнамоии инфиродии гузаронидашуда:
  бо кӯдакон__________ бо калонсолон ___________________
- Машғулиятҳои ислоҳнамоии гурӯҳии гузаронидашуда:
  бо кӯдакон _________ кӯдакони фаро гирифташуда________
  бо калонсолон ______ калонсолони фаро гирифташуда ____

3. *Кори машваратӣ*

Бо кӯдакон:

- машваратҳои инфиродии гузаронидашуда __________________
- машваратҳои гурӯҳии гузаронидашуда______________________
- кӯдакони фаро гирифташуда ______________________________

Бо омӯзгорон:

- машваратҳои инфиродии гузаронидашуда__________________
- машваратҳои гурӯҳии гузаронидашуда_____________________
- омӯзгорони фаро гирифташуда ___________________________

Бо падару модар:

- машваратҳои инфиродии гузаронидашуда__________________
- машваратҳои гурӯҳии гузаронидашуда_____________________
- падару модари фаро гирифта шуда _____________________________

4. *Кори пешгиринамой:*

Машғулиятҳои гузаронидашуда:

Ҳамагӣ: ___________

- Барои хонандагон - _______________
- Барои омӯзгорон - ________________
- Барои падару модар - __________________

Сана:___________

Психолог: ______________________ Имзо:___________

*Замимаи 3*

**Тасдиқ мекунам**

_____________ _____________
вазифа муассиса

__________ /__________/
ному насаб имзо

**Ҷадвали кори**
**психологи ______________________________**
(ном ва рақами муассиса)

________________________________
(ному насаб)

**барои соли таҳсили ___________**

| **Рӯзи ҳафта** | **СОАТҲОИ КОР** | |
|---|---|---|
| | **самтҳои асосии фаъолият** | **кори ташкилӣ-методӣ** |
| Душанбе | | |
| Сешанбе | | |
| Чоршанбе | | |
| Панҷшанбе | | |
| Ҷумъа | | |
| Шанбе | | |
| **Ҳамагӣ соатҳо** | _______соат | ______соат |
| | _______соат | |

Сана:___________

Психолог: _______________________ Имзо:____________

*Замимаи 4*

**Дафтари қайди машғулиятҳои маърифатӣ**

| Рӯйхати иштирокчиён, ном ва насаб | Мавзӯъ ва ё номи машғулият | Санаи вохӯрӣ | Қайди иштирок | Баранда | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | | | | | |

*Замимаи 5*

**Барномаи машғулиятҳои пешгирикунанда (рушддиҳанда)**
**Барномаи ________________________**

______________________________________________
номи барнома

**кори психолог бо гурӯҳи**
______________________________________________

**Таҳиягарони барнома:**
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**Мақсадҳои баронома:**
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**Муҳлати иҷрои барнома:**______________________________

**Мазмуни барнома аз рӯйи қисматҳо (бо номгӯи мавзӯъҳо, бо қайди миқдори соатҳое, ки ба ҳар яки он сарф карда мешавад)**:
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**:
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**Нақшаи барномаи пешгирикунанда (рушддиҳанда)**

| № | Мавзӯъ | Мақсад ва вазифаҳо | Номгӯи шакли машғулиятҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | назариявӣ | амалӣ |
| | | | | | |
| | | | | | |

Сана:___________

Психолог: ______________________ Имзо:___________

*Замимаи 6*

**Дафтари қайди ташхиси психологӣ**

| Сана, вақт | Ному насаби хонанда, синну сол | Аз тарафи кӣ дархост шуд | Методи ташхис | Натиҷаи ташхис | Эзоҳ тавсия |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

Агар ташхиси психологӣ дар шакли гурӯҳӣ гузаронида шавад, пас дар ҷои хоначаи дуюми ҷадвал (ному насаби хонанда, синну сол) маълумот дар бораи гурӯҳ (масалан, 6-и «Б») қайд карда мешавад.

*Замимаи 7*

**Протоколи ташхиси психологӣ**

Ному насаб (рамз)-и хонанда________________________________________________
Синну сол ________________________________________________________________
Сана:____________ Вақт (оғоз): ___________ Вақт(анҷом):_____________________
Сабаби ташхис (рамзи мушкилот):_____________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________

| Зуҳуроти ташхис | Методика | Натиҷа |
|---|---|---|
| | | |

Хулосаи ташхис: ___________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________

Сана:___________

Психолог: ________________________ Имзо:____________

*Замимаи 8*

**Хулосаи ташхиси психологӣ**

нисбати ________________________________________________
*Ному насаби хонанда, синф(гурӯҳ ),№-и МТМУ*

______________________ ______________________
*санаи баргузории ташхис* *ҷойи баргузорӣ*

________________________________________________
*сабаби ташхис*

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
*нақшаи ташхис*

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
*намуди зоҳирӣ ва рафтори ташхисшаванда ҳангоми ташхис*

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
*суръати кор ва корқобилии ташхисшаванда*

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
*методикаҳои истифодашуда (сарчашма, ном, тавсифи умумӣ)*

***Натиҷаҳои ташхис (дар шакли ҷадвал пур кардан мумкин аст):***

| *Супориш* | *Натиҷаҳои иҷрои супоришҳои ташхисӣ* | *Хулоса* |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
*шарҳи ҷамъбасткардашудаи маълумотҳо: таҳлили натиҷаҳо ва хулосагирӣ*

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
*пешниҳоди тавсияҳо*

Сана:__________

Психолог: ______________________ Имзо:___________

*Замимаи 9*

**Дафтари қайди корҳои ислоҳӣ ва инкишофдиҳӣ (инфиродӣ)**

| Сана | Машғулиятҳо бо кӣ гузаронида мешаванд | Мавзӯи машғулият | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

*Замимаи 10*

**Дафтари қайди корҳои ислоҳӣ ва инкишофдиҳӣ (гурӯҳӣ)**

| р.т. | Рӯйхати иштирокчиён | Сана | Мавзӯи машғулият | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

*Замимаи 11*

**Варақаи кори ислоҳнамоии психологӣ ва инкишофи психологии инфиродӣ**
*саҳифаи 1*

Ному насаб ___________________________________
Синф / гурӯҳ ________________________ Синну сол _________

Мушкилот______________________________________________________
Мақсад ва вазифаҳои кори ислоҳнамоии психологӣ ва инкишофи психологӣ
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________

Барнома________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

Муҳлати иҷро___________________________________________________________________
Реҷаи кор______________________________________________________________________

| Тарафҳои қавӣ дар кӯдак | Тарафҳои заиф дар кӯдак |
|---|---|
| | |

Натиҷаи кори ислоҳнамоии психологӣ ва инкишофи психологӣ
□динамикаи мусбат □динамикаи кам □динамика вуҷуд надорад

Пешниҳодҳо: ____________________________________________

Сана:__________

Психолог: ______________________ Имзо:____________

*саҳифаи 2*

Мундариҷаи кори ислоҳнамоии психологӣ ва инкишофи психологӣ

| /т | Сана | Мундариҷаи мухтасари машғулият | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | | | |

*Замимаи 12*

**Протоколи**

**машғулияти ислоҳӣ (инкишофдиҳӣ)**__________________________________

Ному насаби кӯдак: ____________________________________________

Вақти умумӣ:____________________________________________

Мақсади машғулият:____________________________________________

Методҳо:____________________________________________

| Даврaҳои машғулиятҳои ислоҳӣ (рушдӣ) | Раванди машғулиятҳои ислоҳӣ (рушдӣ) | Эзоҳ |
|---|---|---|
| | | |

Хулоса:____________________________________________

Сана:__________

Психолог: ______________________ Имзо:___________

*Замимаи 13*

**Дафтари қайди машваратҳои психологӣ**

| Сана | Вақт | Машваратгиранда | | | Сабаби мурочиат | Мушкилӣ | Натиҷа | Психолог |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | синну сол | ҷинс | ном | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

*Замимаи 14*

**Протоколи суҳбат**

Ному насаби хонанда:_________________________________________________________

Синну сол:__________________________________________________________________

Мақсади суҳбат:_____________________________________________________________

____________________________________________________________________________

____________________________________________________________________________

| Саволҳо барои суҳбат | Раванди суҳбат | Эзоҳ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Хулоса:_____________________________________________________________________

____________________________________________________________________________

____________________________________________________________________________

____________________________________________________________________________

________________________________________________________________

Сана:___________

Психолог: ______________________ Имзо:___________

*Замимаи 15*

**Тасдиқ мекунам**

_______________ _______________
вазифа муассиса

__________ /__________/
ному насаб имзо

**Феҳрасти коргузориҳои**
**психологи** ______________________________
(ном ва раҡами муассиса)

______________________________
(ному насаб)

| Феҳрасти коргузориҳо | | соли 201__ | |
|---|---|---|---|
| **Индекси коргузорӣ** | **Номгӯи коргузорӣ** | **Муҳлати бозбинӣ** | **Муҳлати нигоҳдорӣ** |
| ***03. Ҳуҷҷатнигории меъёриву ҳуқуқӣ*** | | | |
| 01.01 | Санадҳои менъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 01.02 | Асноди ҳуқуқии сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 01.03 | Асноди ҳуқуқии сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 01.04 | Ҳуҷҷатҳои воридотӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 01.05 | Ҳуҷҷатҳои содиротӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 01.06 | Ҳуҷҷатҳои коргузорӣ | Июн | Доимӣ |
| ***04. Ҳуҷҷатнигории бақайдгирию ҳисоботӣ*** | | | |
| 02.01 | Нақша ва ҳисоботи солона | Май, июн | Доимӣ |
| 02.02 | Дафтари қайди машваратҳои психологӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 02.03 | Дафтари қайди корҳои инфиродии ислоҳнамоӣ ва инкишофдиҳии психологӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 02.04 | Дафтари қайди ташхисҳои психологӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 02.05 | Дафтари қайди корҳои гурӯҳӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 02.06 | Дафтари қайди корҳои ташкилию методӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| ***03. Ҳуҷҷатнигории ташкилию методӣ*** | | | |
| 03.01 | Нақша - чорабиниҳо | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 03.02 | Барномаҳои корҳои ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ва пешгирии психологӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 03.03 | Нақшаҳои худомӯзӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 03.04 | Коркардҳои методии бозиҳо ва таминҳои психологӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 03.05 | Барномаи машғулиятҳои психологӣ | Сентябр | Доимӣ |
| 03.06 | Методикаҳои ташхисӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| ***04. Ҳуҷҷатнигории махсус*** | | | |
| 04.01 | Варақаҳои тиббӣ ва варақаҳои рушди психикӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 04.02 | Протоколҳо ва хулосаҳои муоинаҳои психологӣ | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 04.03 | Рӯйхати хонандагони «зери хавф қарордошта» | Дар давоми сол | Доимӣ |
| 04.05 | Тавсифнома ва маълумотномаҳои | Дар давоми сол | Доимӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | психологӣ | | |
| 04.06 | Варақаҳои рамзгузории маълумоти махсус | Сентябр | Доимӣ |

## СХЕМАИ ТАВСИЯВИИ ОМӮЗИШ ВА ТАРТИБ ДОДАНИ ТАВСИФНОМАИ ПСИХОЛОГӣ

1. Маълумоти умумӣ дар бораи хонанда:

– ному насаб, синнусол, синф, муассисаи таълимӣ, санаи таваллуд, баромади иҷтимоӣ, ҳолати саломатӣ (узвҳои биноӣ, шунавоӣ, шомма, ломиса, мазза).

– шароити тарбияи оилавӣ (ҳайати оила, тавсифи мухтасари падару модарон, синнусол ва касби онҳо, тавсифи мухтасари дигар аъзоёни оила, муносибатҳои байниҳамии аъзоёни оила, иштироки аъзоёни оила дар раванди тарбияи хонанда).

2. Фаъолияти хонанда:

–Фаъолияти таълимӣ: маром ва шавқу ҳавасҳои таълимӣ; муносибат ба мактаб, таълим ва баҳо; дастовардҳои таълимӣ (пешрафт, дониш, маҳорат ва малакаҳо); фаъолӣ, кунҷкобӣ, кӯшиш; мавҷудияти «изтиробнокии мактабӣ».

–Фаъолияти бозӣ: бозиҳои дӯстдошта ва бартариятдошта; нақшбозии афзалиятнок дар онҳо; муносибат бо ҳамсолон ва калонсолон дар раванди бозӣ.

–Фаъолияти меҳнатӣ: меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва маишӣ (вазифаҳои доимӣ ва вазъиятӣ); мароми меҳнатӣ ва муносибат ба меҳнат; фаъолӣ, қобилияти ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва калонсолон; нақш ва мавқеъ дар фаъолияти якҷояи меҳнатӣ.

–Муошират: талабот ба муошират, хушмуоширатӣ, доираи муошироти дилхоҳ ва воқеӣ, қаноатмандӣ аз муошират, характери муошират (бартариятхоҳӣ, тобеият, сарварӣ, тобеъшавӣ ба афкори гурӯҳ, ҳамҳиссӣ. низоъангезӣ); муошират бо ҳамсолон, калонсолон ва хурдсолон; муошират бо ҳамсолони ҳамҷинс ва ҷинси муқобил.

–Мавқеъ дар коллективи ҳамсинфон: тавсифи мухтасари синф (шумораи хонандагон, таносуби духтарон ва писарон, сохтори расмӣ ва ғайрирасмии гурӯҳ, муҳити психологии синф, муносибатҳои байнишахсӣ, дараҷаи ташаккули гурӯҳ).

4. Хусусиятҳои бахши маърифатӣ:

–Диққат: намуд, хусусиятҳо, таъсири диққат ба пешрафт ва ахлоқи хонанда, мувофиқати инкишофи диққат ба синнусол.

–Идрок: яклухтӣ, суръат ва дақиқӣ, фаҳмидашавандагии идрок; идроки вақт ва фазо, идроки одам; мушоҳидакорӣ.

–Хотир: сатҳи рушди намудҳои гуногуни хотир, хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолӣ, тамоюл ба фаромӯшхотирӣ, таъсири хусусиятҳои хотир ба пешрафти мактабӣ.

–Тафаккур: дараҷаи инкишофи намудҳои тафаккур ва амалҳои фикрӣ; сифатҳои ақлӣ, суръати ҷараёнҳои фикрӣ, мантиқӣ будани фикрронӣ; таъсири хусусиятҳои тафаккур ба пешрафти мактабӣ.

–Нутқ: хусусиятҳои фонетикӣ, лексикӣ, имлоӣ ва услубӣ; мазмуннок ва бурро будани нутқ, ғановати захираи луғавӣ, мавҷудияти қолабҳои нутқӣ ва калимаҳои «шилқин»; ифоданокӣ, эмотсиянокӣ; хусусиятҳои ҷинсии нутқ; дараҷаи инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.

–Хаёл: хаёли эҷодӣ ва азнавсозӣ, майл ба бофтабарорӣ, зуҳуроти он дар фаъолияти эҷодӣ, хусусиятҳои оригиналӣ, конвергентӣ, чандирӣ, устувории образҳо, мустақилӣ, ҷамъбастшавандагӣ, эмотсиянокии хаёл; дараҷаи эҷодкории шахсият.

5. Сохтори шахсияти хонанда:

–Равия: маром ва мақсадҳои бартаридоштаи фаъолият, типи равия (ҷамъиятӣ, шахсӣ, корӣ); шавқу ҳавасҳо (шавқу ҳавасҳои бартаридошта, амиқӣ, вусъат, устуворӣ, дараҷаи фаъолии онҳо; шавқу ҳавасҳои касбӣ ва шахсӣ); орзу ва идеалҳо; ҷаҳонбинӣ.

–Характер: тавсифи хислатҳои характер аз рӯи типи муносибат (муносибат ба худ, дигарон, ашё, фаъолият), хислатҳои характер, типи ифроти характер.

–Дарки худ ва низоми худидоракунӣ: худбаҳодиҳӣ (дараҷа, мувофиқат, устуворӣ).

–Дараҷаи иддао: дараҷа, мувофиқат, устуворӣ.

–Қобилиятҳо: қобилиятҳои умумӣ ва махсус, лаёқатҳо, чӣ гунагӣ ва шароити рушди онҳо.

–Мизоҷ: типи системаи асаб, тавсифи психологии он (ҳассосӣ, фаъолӣ, экстраверсия/интроверсия, ҳаяҷони эмотсионалӣ, типи аксуламал), зуҳуроти мизоҷ дар рафтор ва муошират.

–Ҳиссиёт ва эмотсияҳо: ҳиссиёт ва эмотсияҳои бартаридошта, устувории эмотсионалӣ, тамоюл ба аффектҳо; муносибат ба таъсиррасонии педагогӣ; эмотсияҳои афзалиятнок дар робитаҳои байнишахсӣ; тамоюл ба изтиробнокӣ ва бадхашмӣ; таҳаммулпазирии фрустратсионӣ.

–Ирода: дараҷаи инкишоф, мақсаднокӣ, ташаббускорӣ, қатъият, худдорӣ, одатҳо.

6. Хулосаҳои умумӣ: сатҳи умумии рушди психологии хонанда, мувофиқат ба меъёрҳои синнусолӣ.

7. Тавсияҳо.

8. Сана, имзо, вазифа.

## АЛГОРИТМИ ТАРТИБ ДОДАНИ МАЪЛУМОТНОМА АЗ РӮЙИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТИ ПСИХОЛОГӢ

1. Сабаби тадқиқот (мувофиқи нақша, дар асоси дархост ва ғ. ).
2. Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот.
3. Муҳлати баргузории тадқиқот.
4. Шакли кор (инфиродӣ ё гурӯҳӣ),
5. Миқдори ташхисшудагон, қайди ҷинсият.
6. Методҳои тадқиқот (сарчашма ва муаллиф).
7. Раванди тадқиқот (маълумот мухтасар дар бораи раванди тақиқот, зуҳуроти ҳолати ташхисшавандагон).
8. Агар тадқиқот ба таври гурӯҳӣ гузаронида шавад, пас теъдоди ташхисшавандагон ва таҳлили оморӣ (дар шакли ҷадвал оварда мешавад).
9. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада.
10. Хулосагирӣ.
11. Тавсияҳо ба хонандагон, падару модарон, омӯзгорон ва дигар мутахассисон.
12. Ташхисгар, санаи тартиб дода шудани ҳуҷҷат.
13. Замима.

## ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ДОИР БА БУҶАИ ВАҚТ ВА РЕҶАИ КОРИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБӢ

Муайян намудани реҷаи кории мувофиқ, низом ва муташаккилии фаъолияти психологи мактабиро таъмин менамояд. Вақти корӣ ва реҷаи кор аз ҷониби худи психологи мактабӣ таҳия карда мешавад. Ҳангоми таҳияи он чунин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифтан лозим аст:

- ҳаҷми сарборӣ дар як ҳафта;
- мавҷудияти соатҳои методӣ (мувофиқи қарори маъмурияти муассисаи таълимӣ);
- ҳаҷми воҳиди кории ишғолкардаи психолог(0,25; 0,5; 0,75 ва 1 воҳиди корӣ);
- мавҷудияти бастҳои корӣ дар муассисаи таълимӣ ва реҷаи кори бастҳо;
- ҳузури якҷояи психолог бо дигар мутахассисон дар як ҳуҷраи корӣ;
- теъдоди психологон дар муассисаи таълимӣ ва реҷаи кории онҳо;
- дастрасии соатҳои корӣ барои мизоҷони эҳтимолӣ, хусусан падару модарони хонандагон;
- дақиқӣ ва соддагии реҷаи корӣ (то мизоҷон онро равшан дар хотир нигоҳ доранд).

Реҷаи корӣ ба таври ҳатмӣ бо маъмурияти муассисаи таълимӣ мувофиқа карда шуда, танҳо пас аз он дар пушти дари ҳуҷраи кории психолог ва тахтаи эълонҳо ҷойгир карда мешавад.

Реҷаи кории психологи мактабиро дар ду шакл тартиб додан мумкин аст:

1. Дар шакли анъанавии муайянсозии ҳудудҳои вақти корӣ барои рӯзҳои ҳафта (ниг. расми 1 а).
2. Дар шакли тақсимнамоии шаклҳои фаъолият ба рӯзҳои ҳафта (ниг. расми 1 б).

| **Реҷаи кори равоншиноси МТМУ** | **Рӯзҳои қабули равоншиноси МТМУ** |
|---|---|
| Дш. – Ҷм.: 08:00 – 16:00<br>Шанбе: рӯзи методӣ | Дш., Пш. – корҳои ташхисӣ<br>Сш. Ҷм.– корҳоиислоҳнамоӣва инкишофдиҳӣ<br>Чш. – машварати равоншиносӣ<br>Қабул аз с. 8:00 то с.16:00<br>Шанбе: рӯзи методӣ |

Расми 1. Намунаи реҷаи кори психологи мактабӣ

**Тақсимоти нисбии вақти кории психологи мактабӣ вобаста ба намудҳои фаъолият**

| НАМУДИ КОР | I | | II | |
|---|---|---|---|---|
| | Вақт барои як қабул (чорабинӣ) | Вақти умумӣ дар моҳ | Вақт барои омодагӣ ва таҳлил | Вақти умумӣ дар моҳ |
| Муоинаи психологии инфиродӣ | 1-1,5 соат | 15 соат | 0,5-1 соат | 10 соат |
| Муоинаи психологии гуруҳӣ (скринингӣ) | 1-1,5 соат | 3 соат | 3-3,5 соат | 7 соат |
| Машварати инфиродӣ | 1-1,5 соат | 15 соат | 0,3 соат | 3 соат |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Машғулияти инфиродии ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ | 0,5-1,5 соат | 15 соат | 0,3 соат | 3 соат |
| Машғулияти гуруҳии ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ | 1-1,5 соат | 20 соат | 1 соат | 20 соат |
| Корҳои баландбардории маърифати психологӣ | 0,5-1,5 соат | 4 соат | 0,5 соат | 2 соат |
| Фаъолияти коршиносӣ | 2,5-3 соат | 3 соат | | 2 соат |
| Корҳои ташкиливу методӣ | - | - | 7 соат дар ҳафта | 28 соат |
| **ҲАМАГӣ** | - | 75 соат | - | 75 соат |

Дар ҳолати додашуда фаъолияти психологи мактабӣ барои 10 моҳ (соли таҳсил) нишон дода шудааст:

- Ташхиси инфиродӣ: 150 – 170 муоина;
- Ташхиси гуруҳӣ: 20 гуруҳ;
- Машваратдиҳӣ: 150-170 қабул;
- Машғулиятҳои ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ
  инфиродӣ: 150– 170 машғулият;
  гуруҳӣ: 200 – 240 машғулият.
- Корҳои маърифатнокнамоӣ: 20 чорабинӣ;
- Фаъолияти коршиносӣ: 10 чорабинӣ.

## ПРИНСИПҲОИ АХЛОҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБӣ

*1. Махфият.* Раванди кор бо мизоҷон ва ҳама гуна маълумоти ба онҳо дахлдошта рамзгузорӣ карда шуда, махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар ҳолати зарурат танҳо бо розигии худи мизоҷ ва ё намояндаи қонунии ӯ маълумотро паҳн намудан ва ё ба ҷойи дахлдор равона намудан мумкин аст (ба истисноӣ ҳолатҳои дар қонунгузории ҶТ пешбинишуда).

*2. Маҳрамият.* Кори амалӣ бо хонандагон (мизоҷон) ба таври инфиродӣ ва ё гуруҳӣ ташкил карда шуда, дар раванди он танҳо мутахассис-психолог ва хонанда (мизоҷ), ё хонандагон (мизоҷон) ва дар ҳолати зарурат намояндаи қонунии онҳо иштирок менамоянд. Ҳамагуна гӯшкунӣ ва сабт бидуни розигии худи мизоҷ манъ аст.

*3. Нарасонидани зарар.* Дар ҳолати мавҷудияти эҳтимолияти хатар ба саломатӣ, обрӯ ё раванди инкишофи шахсияти мизоҷ мутахассис кори худро бо мизоҷ қатъ менамояд ва ё мақсаднок тағйир медиҳад.

*4. Масъулият.* Психолог ба дурустии натиҷаи ташхиси психологӣ, методу воситаҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда, ислоҳкунандаю пешгирикунанда ва пешниҳодҳои додашуда, инчунин, нигоҳдории протоколҳои таҳқиқот, ҳуҷатҳо ва ҷо ба ҷо намудани онҳо бо тартиби қабулшуда масъул мебошад.

*5. Арзёбии натиҷаҳо.* Мутахассис дар асоси нақшаи корӣ ва барномаи инфиродии кор бо хонанда (мизоҷ) раванди иҷрошавии корҳои амалӣ ва тавсияҳоро назорат менамояд.

## ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӣ ДОИР БА ОРОИШ ВА ТАҶҲИЗОНИДАНИ ҲУҶРАИ КОРИИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБӣ

Мавҷудияти ҳуҷраи корӣ ва ба таври махсус ҷиҳозонидани он яке аз ҷанбаъҳои муҳим ва муайянкунандаи самаранокии фаъолияти психологи МТУ ба шумор меравад. Ҳуҷаи кории психолог бояд дар ҳудуди муассисаи таълимотӣ бошад. Барои он ҳуҷра ё синфхонаи алоҳидаи бинои муассисаро ҷудо намудан мумкин аст. Ҳуҷраи кории психолог бояд на камтар аз 25-30 м² масоҳат дошта бошад, то дар мавриди корҳои гурӯҳӣ дар як вақт имконияти озодона кор бурдан бо 10-12 нафар мизоҷонро мавҷуд бошад.

Ҳуҷраи намунавии психолог одатан ба якчанд минтақа тақсим карда мешавад, ки ҳар кадоме таъйиноти вазифавии худро доранд:

- минтақаи интизории қабул;
- минтақаи қабул ва суҳбат бо мизоҷ;
- минтақаи машғулиятҳои гурӯҳӣ ва тренингҳо;
- минтақаи корҳои ташхисӣ ва ислоҳу инкишофдиҳӣ;
- минтақаи корҳои машваратӣ ва бартарафсозии шиддати психологӣ.

Ҳудуди «минтақаҳои» ҳуҷраро ба ҷуз аз минтақаи интизорӣ бо таворахои сайёр, пардаҳо ва ё ҷойгиркунии мувофиқи ҷиҳози ҳуҷра (мебелҳо) ҷудо намудан мумкин аст (ниг. расми 2).




Расми 2. Намунаи ҳуҷри психологи мактабӣ

**Минтақаи интизории қабул** бояд аз қисми асосии ҳуҷра ҷудо буда, ба мизоҷ имконият диҳад, то аз назари дигарон ва ҳамчунин мизоҷоне, ки аллакай дар ҳузури психолог қарор доранд, канор бошад. Дар ороиши ин минтақа рангҳои гуногунро истифода кардан хуб аст, вале дар он ҷойгир намудани ҳар гуна лавҳаҳо, хусусан лавҳаҳои характери тиббидошта тавсия дода намешавад, то дар мизоҷон ассосиатсияҳои нохоҳам ба вуҷуд наояд.

**Минтақаи қабул ва суҳбат бо мизоҷ** бо мизи корӣ ва ҷевони ҳуҷҷатҳо бо маводи методӣ доир ба ташхиси психологӣ ва корҳои ислоҳнамоиву инкишофдиҳӣ ҷиҳозонида

мешавад. Картотекаи маълумот доир ба мизоҷон ва картотекаи натиҷаи корҳои психологиро низ дар ҳамин минтақа ҷойгир намудан мумкин аст, беҳтар аст, агар онҳо дар шакли электоронӣ дар компютери психолог нигоҳ дошта шаванд.

**Минтақаи машғулиятҳои гурӯҳӣ ва тренингҳо** бояд ба ҳадди кофӣ весеъ буда, маҷмӯи мизу курсиҳои таълимӣ барои 10-12 нафар хонанда бошад. Ин минтақа бо тахтаи синф, тахтаи интерактивӣ, маркерҳо, флипчарт ҷиҳозонида мешавад. Ҷиҳати намоиши роликҳои таълимӣ истифодаи таҷҳизоти техникӣ лозим меояд. Барои ин аз видеопроектор истифода бурдан мумкин аст.

**Минтақаи корҳои ташхисӣ ва ислоҳу инкишофдиҳӣ** бояд барои шаклҳои мухталифи чунин самти кори психологи мактабӣ мувофиқ омода карда шавад. Дар ин ҷо бояд барои машғулиятҳо бо кӯдакон мизҳои инфиродӣ, тахтаи синф, курсиҳои бисёрвазифавӣ барои кор бо хонандагони имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд, фланелеграфҳо, молберт ва ғайра мавҷуд бошад. Барои гузаронидани машғулиятҳо дар шакли бозиҳо, афсонатерапия ва монанди инҳо, ки ҳангоми онҳо ҷойгиршавӣ ва ҳаракати озоди кӯдакон талаб карда мешавад, дар ин минтақаи ҳуҷра бояд қолинча ё фарши маҳин, ҳамчунин, бозичаҳои гуногун (аз ҷумла лухтакҳои маҳин ва бозичаҳои конструктивӣ), пластилин, қаламу коғаз ва ғайра муҳайё бошанд. Мебели ин минтақа бояд сабук ва сайёр бошад, то ҳангоми зарурати ивази вазъият вобаста ба мазмуни машғулиятҳо зуд кӯчонидани онҳо имконпазир гардад.

**Минтақаи корҳои машваратӣ ва бартарафсозии шиддати психологӣ** бояд то ҳадди имконпазир ба таври роҳатбахш ҷиҳозонида шавад. Дар ин минтақа мизи хурд, ду роҳаткурсии мулоим, равшании муътадил метавонад муҳити роҳатбахш, оромкунанда вабоварибахшро ба вуҷуд оварда, ба суҳбати ошкоро мусоидат кунад. Ин минтақа бояд ба қадри кофӣ васеъ буда, ҷойгиршавии озоди роҳаткурсиҳоро таъмин карда тавонад. Дар ин ҷо ҷойгир намудани аквариум, мусавварахои оромибахш ва дастгоҳи пахши мусиқӣ бо фиттаҳои мусиқиҳои функсионалӣ мувофиқи матлаб аст.

Ҳангоми омодасозӣ ва ҷиҳозонидани ҳуҷраи кории психологи мактабӣ бояд ба эътибор гирифт, ки муҳити орому орӣ аз фишор, диққати мизоҷонро ба дигар тараф ҷалбнакунанда, роҳатбахш ва боварибахшу бехатар муҳайё карда шавад. Дар айни замон шароити кор ва интихобу ҷобаҷогузории унсурҳои таркибии муҳити кории психолог бояд тавре омода карда шаванд, ки ҳамаҷониба ба иҷрои вазифаҳои дар назди хадамоти психологӣ гузошташуда мусоидат намоянд.

Барои ин тавсияҳои зеринро ба эътибор гирифтан зарур аст: **шифти ҳуҷраро** бо ранги кабуд ва ранги ширчойӣ рангубор кардан беҳтар аст, барои **деворҳо** бошад, тобишҳои рангҳои зарди равшан, сабзи равшан ва кабуди равшан мувофиқтар аст. Истифодаи унсурҳои ландшафтотерапия аз қабили зардевориҳои расмдор, намоиши расмҳои ивазшаванда (слайдҳо) бо тобишҳои рангии фаъол, мусаввараи манзараҳо ва монанди инҳо, ки рангҳои табиии дорои тобишҳои асосии рангҳо аз кабуд то сабзро доро мебошанд, композитсияҳои декоративию бадеӣ аз растаниҳои ороишии хонагӣ ва ғайра низ ба мақсад мувофиқ аст.

Риояи талаботи рангтерапия ҳангоми омода намудани хуҷра барои бурдани корҳои психологӣ муҳим ҳисобида мешавад, зеро аз нуқтаи назари таъсир ба психикаи одам рангҳо аз ҳамдигар фарққунандаанд. Аз ин нуқтаи назар тамоми рангҳои табииро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: рангҳои «гарм» (тобишҳои сурх ва зард) ва рангҳои «сард» (тобишҳои кабуд ва бунафш). Рангҳои сабз ва кабуд ба узви бинойӣ ва системаи марказии асаб таъсири нисбатан мусоид мерасонанд.

Барои **фарш** қабати садонишон рӯйпӯши маҳини рангаш сабзи тира ва ё рангҳои дигари табиии омехта ё якранг ба мисли ранги регӣ ё малла тавсия дода мешавад.

**Тирезаҳо** бояд барои ҳангоми зарурат (намоиши видеосабтҳо, слайдҳо) пӯшонида шуда, бо жалюзҳо ё пардаҳои аз матои зичи равшаниногузар ва ранги бо ранги деворҳо ҳамсон ҷиҳозонида шаванд. Ин ҳолат ҳуҷраро васеътар нишон медиҳад.

Барои ҳимоя аз мағали даҳлез ҳуҷра бояд бо **дари** дуқабата ҷиҳозонида шавад. Ҳангоми машғулиятҳо бояд ба таври ҳатмӣ дар даромадгоҳ лавҳаи огоҳӣ доир ба риояи оромӣ овехта шавад.

Интихоб ва ҷобаҷогузории **мебелҳо** низ метавонад ба самаранокии корҳои психологӣ таъсир гузорад. Унсурҳои ҳатмии мебел барои ҳуҷраи психолог инҳо мебошанд: мизи корӣ; ҷевонҳо (барои нигоҳдории воситаҳои методӣ, натиҷаҳои муоинаҳоипсихологӣ,

методикаҳои психологӣ ва ғ.). Агар ҷевон ҷузъи бо калид маҳкамшаванда надошта бошад, ба ин рӯихат сандуқи оҳанин низ ворид карда мешавад; маҷмӯи мебелҳо барои машғулиятҳои гурӯҳӣ ва тренингҳо; мизи рӯзномагузорӣ (мизи хурд); 2-3 роҳаткурсиҳо; курсиҳои маҳин.

**Нишастгоҳҳо** бояд аз роҳаткурсиҳои маҳин ва ниммаҳини дорои пуштакҳо ва зероринҷҳои мувофиқ, дар минтақаи оромиш бошад, дорои пуштакҳои баланд ва болиштакҳо бошанд.

Назорати **ҳарорати** ҳуҷраи корӣ низ метавонад, ба самаранокии кори психолог таъсир расонад. Ҳуҷра бояд дорои ҳарорати муътадил буда, дар айни замон ҳавояш зуд-зуд иваз карда шавад. Ҳарорати 20⁰-22⁰С ҳадди аксар ҳисобида мешавад.

Ба **таҷҳизоти техникии** ҳатмии ҳуҷраи кории психологи муассисати таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил мешаванд: компютер, сканер, таҷҳизоти нусхабардор, системаи сабту иҷрои маводи видеоӣ ва садоӣ бо маҷмӯи фитаҳои сабтдор, видеопроектор, сониясанҷ, соат, оина, тахтаи синф, тахтаи интерактивӣ, фурӯзонакҳои рӯйимизӣ ва рӯйифаршӣ ва ғ.

Дар ҳуҷраи корҳои психологӣ истифодаи фурӯзонакҳои тафсон (равшании баланд метавонад ангезанда бошад), сатҳҳои ҷилодор, рангҳои баланд ва ҷилодиҳанда, инчунин истифодаи яквақтаи тамоми унсурҳои ландшафтотерапия ва фитотерапия (истифодаи барзиёди онҳо метавонад диққати мизоҷонро ба худ ҷалб намуда, аз мазмуни машғулиятҳои психологӣ дур созад) тавсия дода намешаванд.

**Маводи методии** хуҷраи кории психологи мактабӣ чунин бастаҳои маводҳоро дар бар мегирад: бастаи маводи амалӣ барои корҳои психологӣ, маҷмӯи бозичаҳо барои кор бо хонандагони хурдсол, барои бозиҳои рӯимизӣ вобаста ба синнусоли хонандагон, маҷмӯи маводҳо барои корҳои омехтаи психологӣ (маводи конструктивӣ, пластилин, рангҳо, қаламҳои ранга, фломастерҳо, коғаз ва монанди инҳо), маҷмӯи китобҳо барои психологияи амалӣ, маводи тақсимотӣ барои хонандагон, падару модарони хонандагон ва омӯзгорони дар машғулиятҳои психологӣ ширкаткунанда ва ғайра.

Ба таври иловагӣ барои ҳуҷраи кории психолог тавораҳои дохилиҳуҷрагӣ, гулҳои хонагӣ аквариум ва маҷмӯи мусаввараҳо заруранд.